Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
кӯч. Бохтар 37/1, офис 501

Т: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

**ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ**

Ба Саҳҳомон, Шурои нозирон ва Роҳбарияти ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»:

**Ақидаи аудитор**

Мо аудити ҳисоботи маҷмуии молиявии замимагардидаи Ҷамъияти саҳҳомии пушидаи «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва Ширкатҳои фаръии он: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд «Суғуртаи Асри 21», ва Ҷамъияти саҳҳомии пушидаи ташкилоти микролизингии «Стандарт иҷора» (минбаъд - Гурӯҳ)-ро ба амал овардем, ки он ҳисоботҳои зеринро дар бар мегирад: ҳисобот маҷмуи оиди вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2020 ва ҳисоботҳои маҷмуи марбута дар бораи даромади муштарак, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйиротҳо дар сармоя дар давоми соле, ки дар таърихи зикргардида ба анҷом ёфтааст; инчунин ошкоркунии принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва тавзеҳоти дигар.

Аз рӯи ақидаи мо, ҳисоботи маҷмуии молиявии замимашаванда вазъи молиявии Гурӯҳро ба ҳолати 31 декабри соли 2020, инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулиии онро дар соле, ки дар санаи ишорагардида анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (дар оянда СБҲМ) ба таври эътимодбахш ва ҳамаҷониба инъикос намудааст.

**Асос барои ақида додан**

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит ба амал овардем (минбаъд – «СБА»). Масъулияти мо мутобиқи ин стандартҳо минбаъд дар ақидаи мо дар қисмати «Масъулияти аудиторон нисбати ҳисоботи маҷмуии молиявӣ” шарҳ дода мешавад. Мо аз Гурӯҳ тибқи «Кодекси одоби муҳосибони касбӣ»-и Шӯрои стандартҳои байналмилалии одоби муҳосибон (минбаъд «Кодекси ШСБОМ») ва талаботҳои одобие, ки ба аудити мо нисбати ҳисоботи маҷмуии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, мустақил мебошем ва дигар ӯҳдадориҳои одобиро тибқи ҳамин талаботҳо ва кодекси ШСБОМ иҷро намудем. Мо гумон дорем, ки далелҳои аудитории дастраснамудаи мо кифояанд, то ин ки мо дар бораи ҳисоботи маҷмуии молиявии мазкур ақидаи муайяни худро ифода карда тавонем.

**Банди шарҳдиҳанда**

Ба ақидаи худ эрод нагирифта, мо диққати шуморо ба Эзоҳи 14 дар тавзеҳот ба ҳисоботи маҷмуии молиявӣ ҷалб мекунем. Гурӯҳ захира барои талафотҳои чашмдошти қарзии парвандаи карзиро мутобиқи СБҲМ (IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» (минбаъд СМҲМ 9) ҳисоб менамояд, ки аз захираҳои ҳисобкардашуда мувофиқи талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - БМТ) фарқ дорад. Захира оиди беқурбшавии қарзҳои судуршуда, ки мутобиқи СБҲМ ба ҳисоб гирифта шудааст 1,471 ҳазор сомониро ташкил намуд ва захираи мутобиқи БМТ ҳисобкардашуда бошад, 1,795 ҳазор сомониро ташкил дод.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи маҷмуии молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи маҷмуии молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд.

Дар омодакунии ҳисоботи маҷмуии молиявӣ рохбарият оиди бахогузории қобилияти Гурӯҳ барои фаъолияти катънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти катънашаванда татбиққунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Гурӯҳҳои фаъолияташон катънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истиснои мавридхое, ки рохбарият нияти барҳамдихии Гурӯҳ, катъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи маҷмуии молиявии Гурӯҳ масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи маҷмуии молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи маҷмуии молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва хисоботи молиявии ки акидахои моро иброз менамоянд, пешниход менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи маҷмуии молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи маҷмуии молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд.

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар хисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва бахоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани акидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;

- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Гурӯҳ, дастрас намудем;

- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи маҷмуии молиявиро арзёбӣ намудем;

- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти катънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Гурӯҳ ба фаъолияти катънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавчудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи маҷмуии молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир дихем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти катънашандаи Гурӯҳ гарданд;

- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи маҷмуии молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи маҷмуии молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо бо шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ дар доираи нақша ва мӯҳлати гузаронидани санҷиш ва хулосаҳои назарраси аудит, аз ҷумла ҳар гуна камбудиҳои назаррас дар назорати дохилӣ, ки мо дар давоми аудит муайян кардем, муошират намудем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ далелҳои иҷро намудани талаботҳои новобастагии худро тибқи талаботҳои одобӣ пешниход намуда, бо тамоми масъалаҳои дигари ба новобастагии мо дахлдор бо онҳо муошират намудем ва дар мавридҳои лозим кафолатҳои марбут пешниход намудем.

Хайруллоев Фирдавс

Директор
Иҷозатномаи аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 0000115 ки аз ҷониби
Бонки Миллии Тоҷикистон 22 янари соли 2020 дода шудааст

ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»
Иҷозатнома № 0000063 ки аз ҷониби
Бонки Миллии Тоҷикистон 26 декабри соли 2016 дода шудааст

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ** | | | |
| Даромадҳои фоизӣ | 4 | 29,831 | 28,015 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (10,127) | (9,370) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО НИСБАТИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | 4 | 19,704 | 18,645 |
| Барқароркунии/(ташаккули) захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 14 | (1,207) | 2,847 |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 18,497 | 21,492 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 11,557 | 12,690 |
| НАТИҶА АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ | | 30,054 | 34,182 |
| **ФАЪОЛИЯТИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Даромади фоизӣ аз иҷораи молиявии ба мизоҷон судуршуда | 4 | 879 | 1,247 |
| Ташаккули захира оид ба талафоти қарзии чашмдошти иҷроаи молияви ба мизоҷон судуршуда | 14 | 5,858 | (5,571) |
| НАТИҶА АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ | | 6,737 | (4,324) |
| **ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ** | | | |
| Даромад аз амалиёти суғуртавӣ | | 4 | 5,988 |
| Сарфа аз азнавсуғуртакунонӣ | | - | 830 |
| НАТИҶА АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ | | 4 | 6,818 |

## ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

### ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020 АНҶОМ ЁФТААСТ (ИДОМА)

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙР** | | | |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 9 | (34,727) | (29,757) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | 18,266 | 16,005 |
| Ташаккули захира оид ба беқурбшавӣ ва талафоти қарзии чашмдошт | 7 | (1,857) | (8,064) |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ, холис | 8 | 1,172 | 285 |
| НАТИҶА АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙР | | (17,146) | (21,531) |
| ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ | | 19,649 | 15,145 |
| Андоз аз фоида | 10 | (5,778) | (4,466) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 13,871 | 10,679 |
| Дигар даромади муштарак: | | - | - |
| ҲАМАГӢ ДИГАР ДАРОМАДИ МУШТАРАК | | 13,871 | 10,679 |
| Дахлдор ба: | | | |
| Саҳҳомони ширкати волидайнӣ | | 13,571 | 11,461 |
| Ҳиссаҳои мулкҳои идоранашаванда | | 300 | (782) |

**Аз номи Роҳбарияти Гурӯҳ:**

**Раҷабов И. Х.**
**Раиси Раёсат**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Одинаев С. А.**
**Сармуҳосиб**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳ. 13-68 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи маҷмуии молиявии мазкур мебошад.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳ.4-6 оварда шудааст.

# ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
## БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2020 | 31 декабри с. 2019 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 11 | 180,802 | 83,822 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон | 12 | 17,962 | |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 13 | 257,999 | 144,850 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 14 | 157,201 | 111,778 |
| Иҷораи молиявии ба мизоҷон судуршуда | 15 | 11,436 | 11,077 |
| Сармоягузориҳое, ки то пардохт нигох дошта мешаванд | | 5,957 | - |
| Сармоягузориҳое, ки тағйиротҳои онҳо дар ҳайати фоида ё зарари давра дар асоси арзиши одилона эътироф мешаванд | | 16 | 13 |
| Дороиҳои дарозмӯҳлат барои фурӯш | 16 | 4,311 | 12,136 |
| Воситаҳои асосӣ | 17 | 23,611 | 22,684 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 18 | 8,662 | 6,991 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 19 | 8,816 | 6,648 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 10 | 1,023 | 2,977 |
| Дороиҳои дигар | 20 | 11,456 | 5,335 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 689,252 | 408,311 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 21 | 465,177 | 266,248 |
| Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | 22 | 48,285 | 4,562 |
| Қарзҳо барои пардохт | 23 | 33,390 | 2,906 |
| Уҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 18 | 9,422 | 7,005 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 24 | 9,417 | 4,343 |
| | | 565,691 | 285,064 |
| САРМОЯ | | | |
| Сармояи саҳҳомӣ | 25 | 104,500 | 104,500 |
| Захираҳои умумӣ | | 3,921 | 3,532 |
| Захираҳои умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | | 325 | 984 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 14,486 | 14,146 |
| Ҳиссаи мулки идоранашаванда | | 329 | 85 |
| | | 123,561 | 123,247 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | 689,252 | 408,311 |

**Аз номи Роҳбарияти Гурӯҳ:**

**Раҷабов И. Х.**
**Раиси Раёсат**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Одинаев С. А.**
**Сармуҳосиб**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳ. 13-68 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи маҷмуии молиявии мазкур мебошад.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳ.4-6 оварда шудааст.

# ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Сармояи саҳҳомӣ | Захираҳои умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | Захираи умумӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳиссаи мулки идоранашаванда | Ҳамагӣ: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 1 январи с. 2019 | 25 | 94,500 | 1,212 | 3,306 | 12,683 | 1,219 | 112,920 |
| **Амалиётҳо бо соҳибмулкон** | | | | | | | |
| Афзоиши сармояи саҳҳомӣ | 25 | 10,000 | - | - | (10,000) | - | - |
| Тарҳ ба захираи умумӣ | | - | - | 226 | (226) | - | - |
| Тарҳ ба захираи умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | | - | (228) | - | 228 | - | - |
| Ҳаққуссаҳмҳои эълоншуда | | - | - | - | - | (352) | (352) |
| **Ҳамагӣ амалиётҳо бо соҳибмулкон** | | 10,000 | (228) | 226 | (9,998) | (352) | (352) |
| Фоида дар давоми сол | | - | - | - | 11,461 | (782) | 10,679 |
| Бақия ба 31 декабри с. 2019 | 25 | 104,500 | 984 | 3,532 | 14,146 | 85 | 123,247 |
| **Амалиётҳо бо соҳибмулкон** | | | | | | | |
| Афзоиши сармояи саҳҳомӣ | | - | - | - | - | - | - |
| Тарҳ ба захираи умумӣ | | - | - | 389 | (389) | - | - |
| Тарҳ ба захираи умумӣ оиди қарзҳои хизматрасонишаванда | | - | (659) | - | 659 | - | - |
| Ҳаққуссаҳмҳои эълоншуда | | - | - | - | (13,501) | (56) | (13,557) |
| **Ҳамагӣ амалиётҳо бо соҳибмулкон** | | - | (659) | 389 | (13,231) | (56) | (13,557) |
| Фоида дар давоми сол | | - | - | - | 13,571 | 300 | 13,871 |
| **Ҳамагӣ даромади муштарак** | | | | | | | |
| Бақия ба 31 декабри с. 2020 | | 104,500 | 325 | 3,921 | 14,486 | 329 | 123,561 |

**Аз номи Роҳбарияти Гурӯҳ:**

**Раҷабов И. Х.**
**Раиси Раёсат**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Одинаев С. А.**
**Сармуҳосиб**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳ. 13-68 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи маҷмуии молиявии мазкур мебошад. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳ.4-6 оварда шудааст

## ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

### ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАХОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТИ:** | | | |
| Фоида то баҳисобгирии хароҷотҳои андоз аз фоида | | 19,649 | 15,145 |
| Тасҳеҳот оиди: | | | |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои чашмдошти қарзӣ оиди қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 13 | 1,207 | (2,847) |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои чашмдошти қарзӣ оиди иҷораи молиявӣ | 14 | (5,858) | 5,571 |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои чашмдошти қарзӣ оиди воситаҳо дар бонкҳо | 7 | 1,506 | 8 |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои чашмдошти қарзӣ оиди системаҳои интиқоли пул | 7 | - | (4) |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои чашмдошти қарзӣ оиди ҷойгиркуниҳои байнибокӣ | 7 | (70) | 74 |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 16,18 | 4,217 | 4,301 |
| Истеҳлоқи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабари | 17 | 2,181 | 1,973 |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди беқурбшавии дороихои дарозмуддати барои фуруш нигохдошташуда | 7 | 6,070 | 1,935 |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди қарзҳои беэътимод | 7 | (5,649) | 6,051 |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда | 9 | (27) | (21) |
| Зарар оиди аз ҳисоб баровардани воситаҳои асосӣ | 8 | 1,089 | 749 |
| Фарқияти қурбӣ оиди амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | (8,202) | (1,984) |
| Даромади софи фоизӣ | 4 | (20,583) | (19,892) |
| Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | (4,470) | 11,059 |
| Тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| (Афзоиш) / кам шудани дороиҳои амалиётӣ: | | | |
| Воситаҳо дар бонкҳо | | (19,343) | (557) |
| Қарзҳо ба мизоҷон | | (69,254) | 3,474 |
| Ичораи молиявӣ | | 5,219 | (9,197) |
| Дороихои дарозмуддати барои фуруш нигохдошташуда | | 1,755 | (10,666) |
| Дигар дороиҳо | | 892 | (2,170) |
| Афзоиш / (коҳиш)-и ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | | 216,402 | 45,483 |
| Амонатҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | | (5,688) | (71,720) |
| Воситаҳои молиявие, ки дар ҳайати фоида ё зарар дар асоси арзиши одилона эътироф мешаванд | | (3) | - |
| Маблағҳои бонҳо | | 43,987 | - |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 1,978 | (9,730) |
| Воридшавии / (хориҷшавии) воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | 171,475 | (44,024) |
| Фоизҳои бадастовардашуда | | 38,700 | 28,934 |
| Фоизҳои пардохтгардида | | (3,129) | (8,099) |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (2,083) | (4,832) |
| Воридшави /(хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ: | | 204,963 | (28,021) |

## ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН»

### ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020 АНҶОМ ЁФТААСТ (ИДОМА)

*(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАХОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 17,19 | (6,089) | (1,806) |
| Воридшавии пул аз фурӯши воситаҳои асосӣ | | 1,088 | 459 |
| Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ: | | (5,001) | (1,347) |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Воридшавӣ аз руи қарзҳо | | 30,000 | 969 |
| Ҳаққусаҳмҳои пардохтгардида | 25 | (13,557) | (352) |
| Пардохт кардани қисми асосии уҳдадориҳо аз руи иҷора | 18 | (1,435) | (1,959) |
| Воридшави / (хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | | 15,008 | (1,342) |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 6 | 7,109 | 1,439 |
| АФЗОИШ / (ХОРИҶШАВИИ) СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО | | 214,970 | (30,710) |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 11 | 206,270 | 235,541 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол | 11 | 428,349 | 206,270 |

**Аз номи Роҳбарияти Гурӯҳ:**

**Раҷабов И. Х.**
**Раиси Раёсат**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Одинаев С. А.**
**Сармуҳосиб**

27 апрели соли 2021
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳот дар саҳ. 13-68 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи маҷмуии молиявии мазкур мебошад.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳ.4-6 оварда шудааст